Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-
014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе,
кӯчаи Нахимова 64/14)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қурбонов Вафо Намозалиевич дар мавзуи "Таваррум ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёт" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) пешниҳод гардидааст.**

Дар сатҳи иқтисодиёт зоҳиршавии таваррум дар асоси таъсири омилҳои субъективӣ ва омилҳои объективӣ, ки хусусияти сунъӣ ва ҳақиқӣ дорад, ба вуҷуд меояд. Хусусияти субъективии бавуҷудоии таваррум, ин аз сохтакории шахсони алоҳида тавассути пулҳои қалбакӣ ва беасос ба муомилот аз ҳад зиёд баровардани пул мебошад. Дар ҷомеаи иқтисодӣ таваррум ҳамчун ҳодисаи номатлуби пулӣ хусусияти таърихӣ дошта, дар ташаккули муносибатҳои пулӣ зоҳир гардида, як қатор мушкилотро ба миён меоварад. Аз ин лиҳоз мавриди таҳқиқ қарор додани мавзӯи «Таваррум ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёт» аз тарафи Қурбонов Вафо Намозалиевич дар шароити имрӯза муҳим ва зарурӣ буда, аз ҳама нуқтаи назар қобили дастгирӣ мебошад.

Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки ҳиссаи аз ҳад зиёди пул дар муомилот, ки таъминоти молӣ надорад, афзоиши таваррумро батадриҷ баланд мегардонад ва дар натиҷа, боиси афзоиши бемайлони нархҳо мегардад. Қайд кардан зарур аст, ки масъалаҳои дар таҳқиқоти унвонҷӯ Қурбонов Вафо Намозалиевич вобаста ба таъсири таваррум ба муомилот анҷомгардида аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ин масъала он ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардида, вобаста ба натиҷаҳо хулосаҳои ҳадафманд ва пешниҳодҳои қобили истифода намудааст. Ҳадафи ҳамаи пешниҳодҳои манзурнамудаи муаллиф паст намудани таъсири таваррум ба иқтисодиёт ва сари вақт таъмин намудани гардиши пулӣ ба ҳисоб меравад.

Бо ин хотир, мавзӯи интихобшуда дар шароити имрӯза актуалӣ муҳим ва зарурӣ буда, коркардҳои дар автореферат овардашуда қобили дастгирӣ мебошанд. Чунин ҳолат ва коркардҳои муаллифӣ маънои онро доранд, ки таҳлилҳои анҷомгардида мукаммалии таҳқиқоти илмиро вобаста ба талаботҳои КОА пурра инъикос менамоянд. Илова ба ҳамаи муваффақиятҳои бадастовардашуда баъзе норасоиҳоро низ мушоҳида намудан

мумкин аст. Аз ин лиҳоз ба андешаи мо сифати таҳқиқот беҳтар мегардид агар муаллиф ба масъалаҳои зерин аҳамияти бештар медод:

1. Агар муаллиф тафсири назариявии таваррумро ба таври соддаву фаҳмо баён менамуд ва омилҳои пайдоиши он ба таври возеҳу равшан зина ба зина ҷудо карда мешуд сифати кор беҳтар мегардид.
2. Ба манфиати кор мешуд агар аз тарафи муаллиф як қатор нархҳои молҳои ватанӣ ва хориҷӣ муқоиса гардида, дар натиҷа як пешниҳоди мушаххас барои танзими нарх пешниҳод мегардид.

Новобаста аз ин қайд кардан зарур аст, ки автореферати диссертатсияи Қурбонов Вафо Намозалиевич дар мавзуи «Таваррум ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, Қурбонов Вафо Намозалиевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, профессори кафедраи
идораи давлатӣ ва иқтисоди милии
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Бобоев О.Б.**

**Имзои "О. Бобоев"-ро тасдиқ менамоям,**
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ **Насурддинзода А.**

Суроғаи Академия: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33, Саҳифаи интернетӣ: www. apa.tj, Email: info@apa.tj Телефон: (+992 (37) 224-17-86